***Махатов Зафар Муҳоммадиевич***
***Тожик тили ва адабиёти кафедраси иккинчи босқич магистранти***

**Танқиди иллат ва нуқсонҳои чомеа дар маснавии**
**“Тӯҳфаи дӯстон”–и Шамсиддин Шоҳин**

***Аннотацияси***

*Мустақиллик мафкураси ва янги давр адабиётшинослик илмининг талаб ва тақозоси билан XIX асрнинг иккинчи ярми ва XX аср бошлари маърифатпарварлик ва жадид адабиётини қайта ўрганиш , ушбу давр адабиёти вакиллари ижод намуналарига холисона баҳо бериш, маърифатпарварлик ғоялари билан йўғирилган асарларни жиддий тарзда таҳлил етиш ҳамда уларнинг адабиёт тарихида тутган ўрнини аниқлаш анъанавий тўс олди . Шу мақсадда маскур мавзу ҳар тамонлама аҳамиятдан холи емас.*

*Шамсиддин Шоҳиннинг <<Тӯҳфаи дӯстон >> маснавийси ўзининг мазмун ва моҳияти жиҳатидан янги давр адабиётига хос бўлган , янги типдаги ижтимоий –лирик асарлар сирасига киради . Маснавийда шоирнинг янгича қарашлари ,маърифатпарварлик жараёнига хос бўлган ғоялар ,давр ўзгаришларига бўлган ҳам алоҳида эътиборга молик . Зеро Шамсиддин Шохин ўз даврининг маҳоратли ва зукко шоири булганлиги билан бирга давр воқеълигини мазмунларда ва турли жанрларда моҳирона акс эта олиши билан бирга ҳам ажралиб туради . Шу нуқтаи назардан тутилаётган диссертацияда ушбу масалани ҳам ечиш ва таҳлилга тортиш асосий мақсадлардан биридир.*

*Маснавий тузилиши ва композицион хусусиятлари жиҳатидан ҳам ўзига хос асардир. ‹‹Тўҳфаи дўстон ›› маснавийсида бу жиҳатлар шу вахтгача бўлган ва яратилган тадқиқотларда ўз ечимини топмаган ва тадқиқ етилмаган .*

«Тӯҳфаи дӯстон» дар ҳар бобат маҳсули адабии давраи нави эчодиёти Шоҳин мебошад. Дар муқаддимаи он нуқтаи назари ичтимоии шоир бе ҳеч пардапӯшона ва ошкора ифода ёфтааст. Муқаддимаи маснавӣ бевосита аз ҳикояти давраи амирӣ оғоз меёбад:

Маро шиква поён надорад гузор,
Ки худ шиква баҳре бувад бенакор.

Аз ин байт пайдост, ки аз интишори маснавӣ мақсади асосии шоир пеш аз ҳама танқиди иллат ва нқсонҳои ичтимоию сиёсии замонаш ва инъикоси ҳолати рӯҳии мардуми давронаш аст. Дар аввал шикваю шикояти адиб характери фардӣ дорад. Шоҳин пеш аз ҳама аз бемуваффақиятии хизмати дарбориаш ва аз бахту иқболи баргаштаи худ шикоят мекунад. Аммо

тадричан ин танқид руҳияти умумӣ ва ҷомеӣ касб мекунад. Ин аз он ҳам маълум аст, ки шоир бештар ба фош кардани рафторҳои риёкорона ва фиребгаронаи амир ва дарбориёни эътибори ҷудогона додааст. Шоир пайваста ба ин киначӯй, маккорӣ ва хиёнати амирро фош намуда, ба ашхоси дигар маслиҳат медиҳад, ки аз азобу шиканҷаҳои аз дарбор дидаи ӯ ибрат гиранд; агар хоҳанд, ки хушбахт шаванд аз хизмати амир ва дарбор худдорӣ намоянд. Чунон чи шоир мегӯяд:

Фиғон к-ин ҳарифон кинаозмой,
Ба меҳр андароранд халқе зи пой!
Чу фарзанд аз онат ҳаме парваранд,
Ки чун гурба фарзанди худ меҳӯранд...
Аз ин фирқа доманкашон даргузор!
Чу биншастӣ, аз ҳирқа афтӣ ба дар.
Маро бину барзан зи ибрат дуҳул,
Пасояндагонрост пешина пул.

Шоҳин амир ва дарбориёни ӯро маҳкум намояд ҳам, дар ин бора аз ақоиди пешиниён ва мутақаддимони адабиёти форсу тоҷик дур намеравад. Ӯ низ мисли Низомӣ ва Амир Хисрав ақида дорад, ки сӯҳбати подшоҳ, қаринӣ ба дарбор пеш аз ҳама хатари ҷон дорад. Чунончи, шоир мегӯяд:

Макун сӯҳбати подшоҳон тамаъ,
Ки ҳам зар ба ғорат равад, ҳам вараъ!
Чаро рӯйи ҳоҷат ниҳӣ бар даре,
Ки нохун набахшад, хорӣ саре?
Агарчанд дар баҳр бошад гуҳар,
Бувад лутмаи мавҷ аз он бештар.
Зи мавҷаш бияндешу гавҳар маҷӯй,
Ки гавҳар ба қаър асту мавҷаш ба рӯй.
Чунон дон зи шоҳон таманнои меҳр,
Ки ахтар ба зер оварӣ аз сипеҳр.

Дар таркиби ин асар порчаи ҷудогонае баҳри мадҳу ситоиши амир Музаффар низ мавҷуд аст. Дар мадҳияи ин амир шоир услуби махсусеро истифода мебарад янъе ӯ услуби зоҳиран мадҳу ботинан қадҳро «танқидро» фоида бурдааст. Шоҳин дар масаълаи фош намудани бадкирдорҳои амир Музаффар усули ҳаҷву тамасхурро пеш гирифта ҳамаи бадкирдорҳои ин амирро ҳамчун кори неки вай ба қалам медиҳад. Масалан, ин амирро шоир чун шахси «ғаюру далер» ба қалам дода, барои исбот ҳангоми шӯриши Восеъ бо ҳукми ӯ ба хоку хун яксон карда шудани мардуми Хатлонзаминро далел меоварад:

Ба Хатлонзамин хуни мардум бирехт,
К-аз он мотам аз чарх анҷум бирехт.

Ё худ, шоир амир Музаффарро шахси «ҷаҳонгир» қаламдод карданӣ шуда, барои далел ғоратгарию мардуми Фарғонаро куштан ва мамлакатро ба харобӣ овардани ӯро нишон додааст:

Ба Фарғона аз кина кард, он чӣ кард,

Ки не зан зи теғаш бирасту на мард.

Шоҳин дар мадҳияи худ амир Музаффарро ба маънои киноявӣ «илму адабиётдӯст» меномад ва гӯё бо ёрии ин амир тарбият ёфтани ашхоси пешқадами замон, монанди Возеҳ, Аҳмади Дониш, Савдо, Мирзо Азими Сомӣ ва амсоли инҳоро, ки онҳо аз зулму тартиботи ин амир ба танг омада, шикояти сахт карда рафтаанд, таъкид менамояд. Дар ин чо Шоҳин қасдан дар дарбор «тарбият ёфта» ба воя расидани ин шахсонро мисол оварда, бо ин роҳи киноявӣ илму адабиётдӯст набудани амир Музаффарро нишон медиҳад. Шоир дар охири «мадҳия» аз гузаштани давраи «осудагӣ» ва замони «чӯшиши илму фан» «афсӯс хӯрда», омадани давраи бад (замони амир Абдулаҳад дар назар дошта мешавад)-ро таъкид менамояд.

Чунончи, менависад:

Дареғо, ки он шоҳи шоҳон бирафт,
Чаҳон монд чун чисм, аз ӯ чон бирафт.
Аз ин бӯстон рахт барбаст гул,
В-аз ин шиша берун таровид мул.
Чу гавҳар зи дарё фурӯтар нишаст,
Хазафпора бар чон гавҳар нишаст,
Чаҳон навчавон буд, шуд кундпир,
Ба рух шоҳиди бахт андуд қир.
Чу гетӣ зи Чамшед пардохот тахт,
Бар он тахт Заҳҳок андохт рахт.
Чу ҳукми қазо бар Сулаймон расид,
Нигини ҳукумат ба девон расид.

Дар порчаи боло бо калима ва ибораҳои «гул», «мул», «гавҳар», «чаҳони навчавон» ва «Чамшед» Шоҳин амир Музаффарро дар назар дорад, вале калимаҳои «хазафпора», «кундпир», «қир», «девон» ва «Заҳҳок» нисбат ба амир Абдулаҳад нигаронида шудаанд. Шоир, чунон ки мебинем, ба таври киноя на танҳо бадкирдориҳои амир Музаффарро фош менамояд, балки нештари заҳролуди танқиди худро ба муқобили амир Абдулаҳад низ нигаронидааст.

Шоҳин сипас аз офатҳои замону чаҳон забони шиква боз менамояд. Вай забони сурхро ба оташ ва теғ нисбат дода, аз ҳукуматдорони давр сахт шикоят мекунад. Ба ақидаи Шоҳин, намояндагони синфи ҳоким ду хел мешаванд:доно ва нодон. Вобаста ба ин шикоят аз чоҳилӣ ва мурочиат ба доноён кардани шоир, бешубҳа, ақидаҳои ислоҳотпарастӣ ва маорифпарварии ӯст:

Ба нодон хамӯшӯ ба доно сарой,
Ки он хираӯй в-ин чирарой.
Шикоят макун аз бузургони дин!
Махон осмонро ба ғафлат замин!
Ба шоҳон сухан аз сари кин магӯй,
Тазарвию пархоши шоҳин мачӯй!

Шоҳин дар як қисмати муқаддимаи «Тӯҳфаи дӯстон» дар замони ӯ аз хору зор гардидани сухан ва сухандон низ шикоят мекунад. Дар ин масъала шоир замони худро ба замони гузашта муқобил мегузарад. Шоир ин гуна муқобилгузориро ҳамчун як услуби хоси шеърофарӣ барои ифодаи бадбахтиҳои аз сар гузаронидаи худ овардааст. Шоҳин пас аз ин гуна муҳокимарониҳо аз касби шоирии худ пушаймонӣ изҳор карда, маддоҳи подшоҳ буданро ба гадой монанд мекунад. Чунончи, шоир мегӯяд:

Гадой чӣ фазласт, к-аз баҳри он
Зи баҳри фазойил гузаштан тавон?
Ба музде, ки аз шеър чамъ оварад,
Гумон аст дар хона шамъ оварад.
Сухан, алғараз, бурд аз ман ниёр,
Гуле будам, ин шеваам кард хор

Шоир ба хулосае меояд, ки дар шароити зулму чаҳолатпарвари давраи амирӣ сухан беқадр буда, суханвар хору залил шудааст. Чунончи, ин фикри шоирро дар порчаи зерин равшан ҳис кардан мумкин мешавад:

Сухан чунки хор асту беэътибор,
Хусусан дар ин аҳду дар ин диёр.
Сухандон агар толиби равнақ аст,
Ба ришаш бихандӣ, хуш аҳмақ аст.
Хирад гӯ ба абноъи ин марзбум,
Ки як чумла зоғанду як қитъа бум,
Ба аҳли хирад ончунон душмананд,
Ки ойинаро зангиён душманад.
Аз эшон маро нест рӯйи умед,
Ки бӯйи самар н-ояд аз шохи буд.
Сухан густарам, лек бар азми он
Ки чун ман равам, монад аз ман нишон.

Дар муқаддима «Тӯҳфаи дӯстон» гӯё дар ситоиши амир Абдулаҳад як боби алоҳида бахшида шудааст. Дар қисми аввали ин мадҳия шоир тасвири манзараҳои табиатро медиҳад: ба чойи баҳор хазони тирамоҳ ва зимистони сард омадааст, гулу баргу дарахтон –ҳама пажмурда аст, дар чаманҳо ба чойи булбул зоғу заған лона мондааст, мардум-ҳама ғамгину фасурдаю хароб, ранги рӯйи ҳама зарду пур аз ғубори маломат ва мазаммат мебошад. Ин гуна тасвири табиат ҳолати нисбат ба замон доштаи шоирро ифода мекунанд: харобии мамлакат, азобу кулфати мардум, итмом ёфтани ривочу равнақи ватан, тарки ватан кардани дамони беҳтарини кишвар, дар ин харобаҳо маскан гирифтани одамони бадтинат ва ғайра. Сипас Шоҳин ба мадҳу санои бардурӯғу сохта ва ғайритабиии амир Абдулаҳад мегузарад. Ин мадҳу саноҳои шоир бениҳоят сохта буданд, яъне шоир амирро ба тарзи киноя «мадҳ» кардааст. Бесабаб нест, ки шоир ҳар як фасли маснавиашро тамсил меномад ва он дар зимн маънии рамзиву киноявии пурқувватеро молик аст.

Дар ин мадҳия Шоҳин ба чойи талаб аз амир панду насиҳатро пешниҳод менамояд. Шоир мехоҳад бо панду насиҳат амирро ба роҳи дуруст

равона кунад: амир ба мардум бояд некӣ кунад, адлу инсофро пешаи кори худ қарор диҳад, дар мамлакат оромӣ ва осоиштагиро барқарор созад ва ба бадон чазо диҳад. Баъд аз ин шоир ба муҳокимаи муносибатҳои ичтимоии замонаш мегузарад. Ба ақидаи Шоҳин, барои гирифтани нафақаи давлатӣ ҳаққи бенавоён ва камбағалон бояд бештар бошад, ба аҳли илму ҳунар аз ҳар чиҳат бояд ёрӣ дода шавад, андозҳои аз мардум ғундошта бояд барои ободонии мамлакат ва осудагии халқ сарф карда шавад. Хотимаи ин мадҳия низ бо панду изҳори хоксорӣ итмом меёбад. Шоҳин дар охир фикрҳояшро чамъбаст намуда, таъкид мекунад, ки подшоҳон ва табақаи поёнии чамъият дар бобати ҳуқуқ баробаранд. Аз ин чо чунин ба назар мерасад, ки афкори шоир дар бораи имтиёз надоштани синфҳои ҳукмрон, меросӣ ва худодод набудани мансабҳои давлатӣ ва амсоли инҳо ифода ёфтааст.

Бо ин тариқа, чунон ки мебинем, шоир вобаста ба мадҳу ситоиши амир Абдулаҳад нуқсону иллатҳои давлатӣ амирӣ ва аморатро фош мекунанд ва мадҳу санои амирро кори ба ақида ва фикру мулоҳизаҳои худ хилоф мешуморад.

Чунон ки дар боло қайд кардем, аз қисми асосии «Тӯҳфаи дӯстон» -и Шоҳин танҳо порчае аз боби авали он-«Дар адлу инсоф ва тартиби чаҳондорӣ» то ба мо омада расидаасту халос. Дар порчаи боқимонда Шоҳин суханро аз он оғоз менамояд, ки шоирон маддоҳии амир ва боргоҳи ӯро як сӯ гузошта, ӯро ба адлу инсоф даъват кунанд. Чунончи шоир мегӯяд:

Чӣ лозим ниҳодан ба моҳию моҳ,
Буни найзаву қуббаи чатри шоҳ?
Магӯ қуббаи чатр бар моҳ бар!
Бигӯ раҳ ба дилҳои огоҳ бар!...
Бузургии шоҳон ба адл андар аст,
На бо фарри дайҳиму ангуштар аст.

Аз ин порча ба хубӣ намоён аст, ки Шоҳин аз равияи шоирони маддоҳи амирӣ пурра баргашта, равияи панду насиҳатро пеш гирифтааст. Достони «Тӯҳфаи дӯстон» маҳз маҳсули ҳамин давра ва ҳамин ғояи эчодиёти шоир мебошад.

Шоҳин дар маснавии «Тӯҳфаи достон» аҳволи сахту вазнини мардуми муқаррариро ба қалам дода ба ҳалокат расидани аҳволи онҳоро аз зулму золимии амир ва мансабдорони ӯ медонад ва чунин изҳори ақида мекунад

Якеро, ки халқ бояд кашид,
Ба фармондеҳӣ ҳалқи халқе бурид,
Гадоро набахшанд як ҳабба сим,
Ки ин ганч доранд ниҳон дар гилем,
Зи моли ятим ситонанд боч,
Ба қуттоъи тамғо бубахшанд точ,
Ба золим бароти аморат диҳанд,
Ки намуси мардум ба ғорат диҳанд,

Шоир мисли дигар маорифпарварони замонаш пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва некўаҳволии мардум кишварро дар ривочу равнақ ва инкишофи илму дониш маънидод кардааст. Ин маънӣ дар «Тўҳфаи дўстон» низ акси худро ёфтааст. Барои ин шоир образи Искадари Мақдуниро ба ҳукумрони замони худ ба тавре зид мегузорад. Ў таъкид мекунад, ки Искандар шавкату шукўҳи давлати худро ба воситаи тараққӣ додани илму маърифат ва ақлу хариди солим дарёфт, вале ҳукмрони давр ин гуна амал намекунад. Ин маврид як чиҳати фикри муаллиф муҳим аст, ки ў ҳам мисли Аҳмади Дониш пояи мустаҳками давлатдориро дар илму маърифат, бунёди мамлакати мутараққиро дар донишмандиву донишписандӣ медонад.

Чаҳонбонию ҳукумронию дод
Сазовори он гурди фарзона бод,
Ки чон бар сари марди доно кунад,
Ба коме ки хоҳад тавоно кунад,
Диҳад ганчу омўзад асрори или,
Кунад ҳосили мулк дар кори илм,
Чу омўхт анвоъи ҳикмат тамом,
Диҳад мулки худро ба ҳикмат низом,
Ҳамин аст расми чаҳонхусравон,
Ки донишситоянду душманситон.
Хилофи амирони ин марзу бум,
Ҳуморо надонад фарқе зи бум,
Дареғе, ки ин аблаҳон беҳисанд,
Тавонгар ба зар дар ҳунар муфлисанд.

Аз ин ҳама бармеояд, ки мавзўи танқиди сохти чамъият ва усули давлатдории аморати Бухоро дар эчодиёти адибони равшанфикру зиёй чиҳати махсус аст. Адибони рушанфикри нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар мазамммати «замон ва аҳли он» қисми зиёди осори худро бахшидаанд. Дар зери мафҳуми «замон ва аҳли он» бешубҳа фармонфармониён ва уламои мутаассиби динӣ дар назар дошта шудааст. Чунончи, дар ҳаққи ин гурўҳи мардумозор Шоҳин дар маснавии «Тўҳфаи дўстон» чунин навиштааст:

Аз ин қавм уммеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост,
Аз ин фариқа доманкашон даргузар,
Чу биншастӣ, аз ҳирқа афтӣ бадар,
Аз он рўзи гетӣ шикоят задам,
Зи гетӣ шикоят ба ғоят задам,
Ки дастур бошад ба ояндагон ,
Ба абноъ гетиситоянагон.

Ин хулосаҳои адиб мисли ҳамон аст, ки дигар маорифпарварони давр низ нисбати аҳли чомеа ва хусусан ҳукуматдорони давр баровардаанд. Шоҳин низ дар ин маврид мўътақид бар он аст, ки танҳо бо насиҳату панд ин нуқсони ичтимоиро бартараф карда намешавад, бояд бар зидди иллатҳои

ичтимой ва дуруст кародани қиёфйаи маънавии аҳли сукондорони замон бо қатъият мубориза бурд. Ҳамин тариқ боз як асари танқидй-маорифпарваронаи адибро аз як паҳлӯ аз назар гузаронидем. Барои собит намудани ин асар ҳамчун асари мазмунан тоза ва мутааллиқ ба адабиёти маорифпарварӣ дар ин самт чустучӯйҳои мо идома хоҳанд ёфт.

## Адабиёти мавриди истифода


1. Шоҳин. Ашъори мунтахаб. - Нашриёти Давлатии Точикистон, 1960. - 366 с.
2. Ҳодизода Р. Каримов У. Саъдиев С. Адабиёти точик. Асрҳои ХУ1 – XIX ва ибтидои асри XX. - Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.
3. Ҳодизода Р. Адабиёти точик дар нимаи дуюми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. – 294 с.
4. Ҳодизода Р. Дониш. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати точик. Иборат аз 3 чилд. ч. 1, - Душанбе:СИЭСТ, 2004. – С. 411 - 414.
5. Ҳодизода Р. Реализми маорифпарварӣ. //Энциклопедияи адабиёт ва санъати точик. Иборат аз 3 чилд. ч.3. – Душанбе: СИЭМТ, 2004. – С. 52 - 53.
6. Хадизаде Р. Саъдиев С. Реалистические элементи и проветительский реализм в таджикской литературе. //Истоки, формиравание и развитие сотсиалистического реализма в литературах советского Востока. - Ташкент: Фан, 1976. – С. 189-191.


**Роҳбари илми:______н.ф.ф. С. Хӯжақулов.**